# МИЗИ МУДАВВАР ДАР МАВЗУИ «ЛИВОИ МИЛЛАТ – РАМЗИ ДАВЛАТДОРӢ»

Опубликовано 23 ноября, 2023 - 15:59 пользователем Ҳайати тадорукот
[1]

Рӯзи 23-уми ноябри соли 2023 дар Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мизи мудаввар таҳти унвони «Ливои миллат – рамзи давлатдорӣ» бо иштироки мутахассисон ва коршиносони Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, пажуҳишгоҳҳои илмӣ-

таҳқиқотӣ ва муассисаҳои таълимии кишвар, роҳбарият ва кормандони Кумита баргузор гардид.

Конференсия бо садо додани Суруди миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон оғоз шуд. Сипас, раиси Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, д.и.ф., профессор Олимҷон Муҳаммадҷонзода конференсияро ифтитоҳ ва ҳозиринро хайрамақдам гуфта, онҳоро ба муносибати Рӯзи Парчами давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон табрик намуда, қайд намуданд, ки бо ибтикори Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон 24 ноябр Рӯзи Парчами давлатӣ эълон гардида, дар тақвими рӯзҳои ид ворид шудааст, ки ин амри басо судманде дар ростои худшиносии миллист. Ин рӯзи муборак собитгари ифтихору эҳтироми мо нисбат ба муқаддасоти миллӣ, аз ҷумла, Парчами давлатист.

Парчами давлатии Тоҷикистон рамзи Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, дӯстиву бародарии ҳамаи миллатҳои он ба шумор меравад. Ифтихори парчами кишвари мо, ифтихори миллати куҳанбунёди мост, ки дар тули асрҳо ба кашмакашиҳои таърихӣ нигоҳ накарда, ҳамчун рамзи миллати соҳибтамаддун боқӣ мондааст.

Сипас, меҳмонон сарходими илмии Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон д.и.ф., профессор, Муҳиба Муҳаммадҷонова, мудири шуъбаи фарҳангнигорӣ ва истилоҳоти Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, д.и.ф., профессор Назарзода Сайфиддин дар мавзуи «Ливои миллат – рамзи давлатдорӣ» маърӯзаҳои худро ироа намуданд.

Дар анҷоми чорабинӣ мубодилаи афкор миёни меҳмонон ва кормандони Кумита сурат гирифт. Баъдан, хонандагони МТМУ №36 ноҳияи Шоҳмансур дар васфи Парчами миллӣ шеърҳо қироат намуданд.

Дар охир, раиси Кумита О. Муҳаммадҷонзода ҷаласаро ҷамъбаст карда, хонандагонро бо туҳфаҳо қадрдонӣ намуда, ба ҳозирин ва дар маҷмуъ, ба Ҷумҳурии Тоҷикистон сулҳу салоҳ ва оромиву осудагиро орзу кард ва ба хотири арҷгузорӣ ба Парчами миллӣ, Суруди миллӣ қироат гардид.

**Рейтинг контента:** 5

Средняя оценка: 4.3 (4 голос)

Rate

## Категория:

- Ахбори рӯз [2]

- 

-

-

-

-

-

-

- 

-

-

-

http://kumitaizabon.tj/sites/default/files/Parcham.pdf

**Источник::**http://kumitaizabon.tj/ru/node/6979

**Ссылки**
[1] http://kumitaizabon.tj/sites/default/files/field/image/11111.jpg [2]
http://kumitaizabon.tj/ru/taxonomy/term/10 [3]
http://kumitaizabon.tj/sites/default/files/gallery/11111.jpg [4]
http://kumitaizabon.tj/sites/default/files/gallery/20231123_131707.jpg [5]
http://kumitaizabon.tj/sites/default/files/gallery/20231123_131735.jpg [6]
http://kumitaizabon.tj/sites/default/files/gallery/20231123_131941.jpg [7]
http://kumitaizabon.tj/sites/default/files/gallery/20231123_132017.jpg [8]
http://kumitaizabon.tj/sites/default/files/gallery/20231123_132552.jpg [9]
http://kumitaizabon.tj/sites/default/files/gallery/20231123_132850.jpg [10]
http://kumitaizabon.tj/sites/default/files/gallery/20231123_132857.jpg [11]
http://kumitaizabon.tj/sites/default/files/gallery/20231123_134700.jpg [12]
http://kumitaizabon.tj/sites/default/files/gallery/20231123_134707.jpg [13]
http://kumitaizabon.tj/sites/default/files/gallery/20231123_134723.jpg [14]
http://kumitaizabon.tj/sites/default/files/gallery/20231123_134804.jpg [15]
http://kumitaizabon.tj/sites/default/files/gallery/20231123_135503.jpg [16]
http://kumitaizabon.tj/sites/default/files/gallery/20231123_135944.jpg [17]
http://kumitaizabon.tj/sites/default/files/gallery/20231123_135948.jpg [18]
http://kumitaizabon.tj/sites/default/files/gallery/20231123_140006.jpg [19]
http://kumitaizabon.tj/sites/default/files/gallery/20231123_140032.jpg [20]
http://kumitaizabon.tj/sites/default/files/gallery/20231123_140059.jpg [21]
http://kumitaizabon.tj/sites/default/files/gallery/20231123_140313.jpg [22]
http://kumitaizabon.tj/sites/default/files/gallery/20231123_140335.jpg